Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 31.07.2013, №12/7
тасдиқ шудааст.

Низомномаи
намунавии мактабҳои камнуфус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мактабҳои камнуфус дар асоси банди 2, моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2007, №171 тасдиқ шудааст) таҳия гардидааст, ки фаъолияти мактабҳои камнуфусро ба низом медарорад.

2. Ба мактабҳои камнуфус дохил мешаванд:

- мактабҳои дар деҳот ташкил кардашуда, ки теъдоди хонандагони ҳамаи синфҳояш аз меъёр каманд.

3. Мактабҳои камнуфус ба мақсади амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти ройгон ва дастрасӣ доштан дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъсис дода мешаванд.

4. Мактабҳои камнуфус муассисаи таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд.

5. Мактабҳои камнуфус шахси ҳуқуқии мустақил ба ҳисоб рафта, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқиро тибқи тартиботи муқаррargardида амалӣ менамоянд.

6. Мактабҳои камнуфус дар асоси Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур Оинномаи худро таҳия менамояд, ки он аз ҷониби муассис тасдиқ карда мешавад.

7. Мактабҳои камнуфус мувофиқи қонунгузории ҷорӣ барои сифати таҳсилот ва мувофиқати он ба Стандарти давлатии таҳсилот масъул буда, дар таъмини таълими босифат, интихоби воситаҳо ва шаклу усули таълими ба синну сол мувофиқ ва хусусиятҳои психологию физиологӣ, майлу завқ ва маҳорати талабагон, беҳдошти ҳифзи саломатии онҳо ҷавобгар мебошанд.

8. Фаъолияти таълимӣ дар мактабҳои камнуфус дар шакли таҳсили рӯзона ба роҳ монда мешавад.

## 2.Ташкили фаъолияти мактабҳои камнуфус

9. Мақоми мактабҳои камнуфус бо қарори Муассис дар мувофиқа Вазорати маориф муқаррар карда мешавад. Номгӯи мактабҳои камнуфус бо пешниҳоди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

10. Таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти мактабҳои камнуфус аз тарафи Муассис тибқи тартиботи муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

11. Муносибати Муассис ва мактаби камнуфус тавассути Оиннома ва шартномаи тарафайн муайян карда мешавад.

12. Иҷозатнома (литсензия) ва аккредитатсияи давлатии мактабҳои камнуфус дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тартиби муқарраршуда амалӣ мегардад.

13. Мактабҳои камнуфус дар синфҳое, ки теъдоди хонандаҳои аз меъёри муқарраргардида кам доранд, бо қарори Муассис дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

14. Мактабҳои камнуфус ҳуқуқ доранд, ки ба мақсади рушд ва пешбурди фаъолияти самарабахши таълиму тарбия иттиҳодияҳои гуногунро дар шакли Ассотсиатсияи падару модарон ва омӯзгорон ташкил карда, фаъолияти онҳоро аз рӯи Низомнома ва Оинномаи худ ба роҳ монанд.

15. Дар мактабҳои камнуфус, хизматрасонии тиббӣ ва ташкили таъмини хӯрок барои хонандагон иҷозат дода мешавад.

16. Миқдори хонандагон дар мактабҳои камнуфус дар маҳалҳо аз рӯи талабот ва эҳтиёҷоти аҳолӣ муайян карда мешавад.

17. Ба мактабҳои камнуфус мувофиқи дархости падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқи ташкил кардани гурӯҳи рӯзаш бардавом ва гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ иҷозат дода мешавад.

18. Раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар мувофиқа бо Муассис дар мактабҳои камнуфус метавонанд, ки хонандагони дорои имконияташон маҳдудро ба таҳсил фаро гиранд.

19. Мактабҳои камнуфус ҳуқуқ доранд, ки ба мақсади рушд ва пешбурди фаъолияти самарабахш ҳангоми ба таҳсил фаро гирифтани хонандагони имконияташон маҳдуд Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии типи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)-ро ба роҳбарӣ гиранд.

## 3. Раванди таълиму тарбия

20. Раванди таълим дар мактабҳои камнуфус мутобиқ ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар зинаи аввал -таҳсилоти умумии ибтидоӣ, зинаи дуюм-таҳсилоти умумии асосӣ ва зинаи сеюм-таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда мешавад.

21. Вазифаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилоти мактабҳои камнуфус аз вазифаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дигар намуди муассисаҳои таълимӣ фарқ намекунанд.

22. Мазмуни таҳсилоти умумӣ дар мактабҳои камнуфус аз рӯи барномаҳои таълимие, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот амалӣ мекунад, муайян карда мешавад.

23. Мактабҳои камнуфус тибқи Оинномаи худ ҳуқуқ доранд, барномаҳои таҳсилоти иловагиро амалӣ намуда, дар асоси муқарраროти муайяннамудаи қонунгузорӣ тариқи шартнома машғулиятҳои иловагӣ, аз ҷумлатаълими иловагии пулакӣ гузаронад.

24. Раванди таълим дар мактабҳои камнуфус тибқи Нақшаи таълимии заминави(базавӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо ҷадвали дарсӣ ба низом дароварда мешавад. Дар Нақшаи таълимии мактабҳои камнуфус миқдори соатҳои барои таълими фанҳо ҷудогардида, набояд аз миқдори соатҳои дар Нақшаи таълимии заминавӣ (базавӣ) нишондода кам бошад. Сарбории таълим ва реҷаи машғулиятҳо дар асоси Оинномаи мактаб мутобиқ ба талаботи меъёрҳои санитарӣ- гигиенӣ муайян карда мешавад.

25. Дар мактабҳои камнуфус раванди таълимро аз рӯи барномаҳои ҳамгиро амалӣ намудан мумкин аст.

26. Ҳангоми таҳияи ҷадвали дарсҳо вобаста ба мазмуни барномаҳои таълимӣ ва малакаҳои фаъолияти таълимӣ (дар як синф) таълими якҷояи 2 синфи нопурра (комплект)- дар зинаи якуми таҳсилот барои синфҳои як ва се, ду ва чор, дар зинаи дуюми таҳсилот барои синфҳои панҷ ва шаш, ҳафт ва ҳашт иҷозат дода мешавад. Якҷоя (комплект) кардани хонандагони синфи 9 бо дигар синфҳо ва дар зинани сеюми таҳсилот якҷоя кардани синфҳои 10 ва 11 манъ аст.

27. Нақшаи кори солона аз ҷониби мактабҳои камнуфус мустақилона таҳия гардида, дар мувофиқа бо мақомоти маҳалии идораи маориф тасдиқ карда мешавад. Соли хониш дар мактабҳои камнуфус мисли дигар муассисаҳои таълимӣ 1 сентябр оғоз гардида, 33-34 ҳафтаро ташкил медиҳад.

Тибқи муқаррарот барои хонандагони синфи 1 як ҳафта таътили иловагӣ муқаррар карда мешавад.

28. Мактабҳои камнуфус ҳамчун муассисаи таълимӣ дар муайян кардани меъёри баҳо, намуд, тартиб ва фосилаи аттестатсияи хонандагон мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муасисаҳои таҳсилоти умумӣ, Оинномаи он ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа фаъолияташро ба роҳ мемонад.

## 4. Иштирокчиёни раванди таълим

29. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди таълим (хонандагон, омӯзгорон, кормандон, падару модари хонанда (ё шахсони онҳоро

ивазкунанда) дар мактабҳои камнуфус аз ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян кардааст, амалӣ карда мешавад.

30. Бо назардошти хусусияти хос доштани фаъолият дар мактабҳои камнуфус ҳангоми қабули омӯзгорон ба кор ба онҳое бартарӣ дода мешавад, ки 2 ва ё зиёда ихтисоси омӯзгорӣ доранд.

31. Ба омӯзгорони мактабҳои камнуфусе, ки ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ сафарбар мегарданд, дар гирифтани роҳкиро ва харҷу сарфи сафари хизматӣ имтиёз дода мешавад.

32. Ҳаҷми сарбории омӯзгорон дар мактабҳои камнуфус аз рӯи миқдори соатҳои дар Нақша ва Барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайяншуда, муқаррар карда мешавад.

33. Дар давоми соли хониш ҳамагуна тағйироти ҳаҷми сарбории таълимии омӯзгороне, ки дар аввали соли хониш муқаррар карда шудааст, бояд танҳо бо розигии хаттии омӯзгор амалӣ гардонида шавад, ба шарте ки ин амал ба миқдори соатҳои дар Нақшаи таълимӣ пешбинишуда вобастагӣ надошта бошад.

34. Тартиби қабули хонандагон ба мактабҳои камнуфус тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

35. Гурӯҳбандӣ-муттаҳидкунии хонандагон дар синфҳои камнуфус тибқи талаботи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур амалӣ мегардад.

36. Аз синф ба синфгузаронӣ ва аттестатсияи ҷамъбастии хонандагони мактабҳои камнуфус тибқи муқарраротe, ки барои ҳамаи намуди муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

37. Тартиби пуркунӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар зинаи таҳсилоти мактабҳои камнуфус тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

38. Гурӯҳбандӣ-муттаҳидкунии хонандагони синфҳои камнуфус ба тариқи дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ 1 – 3(1+3) ва 2 - 4 (2 + 4), дар зинаи таҳсилоти умумии асосӣ 5-6 ва 7-8 муайян карда мешавад.

39. Дар сурати зарурат ба тариқи истисно гурӯҳбандии хонандагони синфҳои 1, 2, 3, 4 дар як синфи ибтидоии камнуфус иҷозат дода шуда, дар шакли таҳсилоти инфиродӣ амалӣ карда мешавад.

40. Новобаста аз зинаи таҳсилот миқдори хонандагон дар ду синфи муттаҳидкардаи камнуфус бояд аз 15 нафар зиёд набошад.

41. Феҳристи мактабҳои камнуфус дар асоси фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як соли хониш аз рӯи натиҷаҳои гурӯҳбандӣ то 1 сентябр муқаррар ва тасдиқ карда мешавад.

42. Маблағгузории сарикасии ҳар як муассисаи таҳсилоти умумии камнуфусро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазоратҳои дахлдор муайян ва муқаррар мекунад.

43. Ҷалби хонандагон ба корҳои иловагӣ, ки дар барномаи таълим пешбинӣ нашудааст, бе розигии хонандагон ва падару модари онҳо (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) манъ аст.

## 5. Идоракунии мактабҳои камнуфус

44. Идоракунии мактабҳои камнуфус мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазку рва Оинномаи мактаб амалӣ карда мешавад.

45. Шакли асосии худидоракунӣ дар мактабҳои камнуфус Шӯрои педагогӣ, маҷлиси умумӣ, маҷлиси умумии падару модарон, Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Тартиби фаъолияти сохторҳои худидоракунӣ ва салоҳияти онҳоро Оинномаи муассисаи таълимӣ муайян мекунад.

46. Роҳбарии бевоситаи мактаби камнуфусро директори он амалӣ мекунад.

47. Мудири мактаби таҳсилоти ибтидоии камнуфус (филиал) бо фармоиши мудири шуъбаи маориф таъин ва озод карда мешавад.

48. Директори мактаби камнуфус (мудири мактаби таҳсилоти ибтидоии камнуфус (филиал) оид ба натиҷаи фаъолияти худ мутобиқ ба вазифаҳои хидматӣ ва Оинномаи мактаб дар назди давлат, ҷомеа хонандагон, падару модарон) ва муассис барои ташкили корҳои таълиму тарбия, натиҷаҳои он, сифати таълим ва ҳолати молию хоҷагии муассиса масъул ва ҷавобгар мебошад.

49. Тақсимоти вазифаҳо байни директор ва сохторҳои худидоракунии мактабҳои ибтидоии камнуфусро Оинномаи он муайян мекунад.

## 6. Фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории мактабҳои камнуфус

50. Муассис тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои камнуфус бо мақсади таъмини фаъолияти оинномавии дар Оинномa пешбинишуда бино, иншоот, таҷҳизот, инчунин дигар амволи заруриро вобаста менамояд.

51. Қитъаи замин ба мактабҳои камнуфус ба таври ройгон бе мӯҳлат барои истифода дода мешавад.

52. Иншооте, ки моликияти муассисаи мактабҳои камнуфус маҳсуб ёфта, тибқи муқаррарот ба он вобаста карда шудаанд, дар ихтиёри идораи оперативии ин муассиса қарор дода мешаванд. Гирифтан ва ё бегона кардани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

53. Мактабҳои камнуфус ҳамчун муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳуқуқи бастани шартномаҳоеро, ки эҳтимоли ба ихтиёри шахси сеюм гузаштани фонди асосии мактабро ба миён меорад, надоранд.

54. Фаъолияти мактабҳои камнуфус аз ҷониби Муассис тибқи шартномаи тарафайнмаблағгузорӣ карда мешавад.

55. Сарчашмаи ташкили маблағгузорӣ ва захираҳои молиявии мактабҳои камнуфус аз инҳо иборат аст:

а) маблағгузории муассис;

б)буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

в)маблағгузориҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ;

г)муассисаву ташкилотҳо;

ғ) падару модарон ва шахсони алоҳидаи хайрхоҳ;

д) барномаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии рушди соҳаи маориф;

е) хизмати иловагии пулакӣ;

ё)маблағҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

ж) манбаъҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

56. Маблағгузории мактабҳои камнуфус новобаста аз шумораи талабагон дар асоси хароҷоти воқеӣ сурат мегирад.

57. Ҷалби маблағҳои иловагӣ ба мактабҳои камнуфус боиси кам намудани маблағгузорӣ аз хисоби буҷети Муассис шуда наметавонад.

58. Масъалаҳои дигари молиявию хоҷагии фаъолияти мактабҳои камнуфус тибқи қонунгузорӣ ва Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

59. Ҳаҷми бастҳои мактабӣ дар асоси миқдори соатҳои таълимӣ ва меъёрҳои муқарраршудаи сарбории таълимии омӯзгорон дар як ҳафта ҳисоб карда мешавад. Миқдори соатҳои таълимии ҳафта барои як синф мувофиқи Нақшаи таълимии такягоҳӣ (базавӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муқаррар карда мешавад.

60. Дар мактабҳои камнуфус воҳидҳои кори омӯзгорони синфҳои 1-4 ба тартиби зерини муқаррар карда мешаванд:

- ҳангоми мавҷуд будани ду синфи ибтидоии дорои то 15 нафар хонанда дар он як омӯзгор дарс мегӯяд;

- агар шумораи хонандагон дар ду синфи ибтидоӣ аз 15 нафар зиёд бошад, он гоҳ дар ҳар як синф муаллими алоҳида дарс мегӯяд.

61. Тартиби пардохти музди меҳнати омӯзгорони мактабҳои камнуфус тибқи тартиби муайян намудаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷуҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқҳои касабаи кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.